# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, к. Шевченко 69. тел: (+992 37) 2 21 18 35 факс: (+992 37) 2 21 75 25

## ҚАРОРИ МУШОВАРА

аз 1 феврали соли 2020, № 2-1 ш. Душанбе

Дар бораи пурзӯр намудани чораҳои
зиддиэпидемикӣ барои пешгирии
интиқоли коронавирус дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади пешгирии интиқол ва паҳншавии сирояти коронавирусӣ ва сироятҳои вирусии ҳамшабеҳи коронавирусҳо бо назардошти аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ вазъияти фавқулоддаи байналмилалӣ эълон гардидан, инчунин вобсата ба маълумотномаи Камолзода М., муовини вазири тандурустӣ ва и иҷтимоии аҳолиии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқоли коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қарор қабул мекунад:

1. Маълумотномаи Камолзода М., муовини вазири тандурустӣ ва и иҷтимоии аҳолиии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқоли коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инобат гирифта шавад.

2. Ба Камолзода М., муовини вазири тандурустӣ ва иҷтимоии аҳолиии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад:

- дар якҷоягӣ бо раёсатҳои алоқаманди дастгоҳи марказии вазорат ва сохторҳои марбутаи вазорат лоиҳаи "Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси нави 2019-ncov дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро таҳия намуда, барои тасдиқ пешниҳод намояд. Мӯҳлат 1 рӯз;
- дар якҷоягӣ бо муовинони соҳавӣ, сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳамкорӣ бо роҳбарияти фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва нуктаҳои сарҳадии ҷумҳурӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шаҳрвандонии хориҷие, ки аз Ҷумҳурии Халқии

Хитой бармегарданд, барои изолятсия ба мӯҳлати 14 рӯз дар беморхонаҳои (муассисаҳои) муайяншуда барои бистарӣ ва назорат ҷойгир намоянд.

3. Ба Замунов А.Қ., сардори шӯъбаи назорат, коргузорӣ ва корҳои махсус супориш дода шавад, ки дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби муовинони вазир, сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказии вазорат, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Сарраёсати санитарию эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ рӯйхати навбатдории шабонарӯзиро ташкил намуда, барои тасдиқ пешниҳод намояд.

4. Ба сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Бекмуродзода С.Б.) супориш дода шавад:

- ҷиҳати назорат ва коргузории нуқтаҳои назорати санитарию карантинӣ дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва гузаргоҳҳои наздисарҳадии давлатӣ тибқи талаботҳои Қоидаҳои байналмилалии тиббию санитарии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (2005) тадбирҳои фаврӣ андешад;

- мутасаддиёни нуқтаҳои назорати санитарию карантиниро вазифадор намояд, ки назоратро вобаста ба воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ, хусусан аз Ҷумҳурии Халқии Хитой дар гузаргоҳҳои наздисарҳадии ҷумҳурӣ пурзӯр намуда, таҷҳизоту маводҳои лозимӣ, либосҳои муҳофизатиро омода намоянд;

- нисбат ба назорат ва муайян намудани гардиши коронавирус имконияти озмоишгоҳҳоро омӯхта, то ба эътидол омадани вазъи сироятҳои вирусӣ чораҳоро пурзӯр намояд.

5. Ба сардори раёсатҳои амнияти санитарию эпидемиологӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмаки фаврии тиббӣ (Воҳидов С.Д.), ислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббӣ ва робитаҳои байналмилалии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Аминов О.Т.) супориш дода шавад, ки ҷиҳати гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ барои кормандони соҳаи тандурустӣ бо ҷалби ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ чораҳои амалӣ андешанд.

6. Ба директорони муассисаҳои давлатии “Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ” ва “Маркази ҷумҳуриявии дезинфексияи профилактикӣ” (Шарипов А., Исоев Ф.) супориш дода шавад, ки дар ҳамкорӣ бо сохторҳои марбути вазорат дар ҳама шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати гузаронидани корҳои дезинфексионӣ корҳои омодабоширо ба анҷом расонанд. Мӯҳлат доимӣ.

7. Ба сардорони раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе (Музаффаров Ф.А., Мақсудзода Ф.Б., Раҷабзода М.М., Шарифзода Х.С.), муассисаҳои ҷумҳуриявии пешгирию табобатӣ, сартабибони беморхонаҳои марказӣ, роҳбарони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва мавркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супориш дода шавад:

- ситодҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявиро оид ба пешгирии коронавирус ташкил намуда, аз иҷрои корҳои анҷомдодашуда ба вазорат маълумот пешниҳод намоянд. Мӯҳлат ҳар ҳафта;

- дар назди раёсатҳои тандурустии вилоятҳо ва беморхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои иҷроияи хокимияти давлатӣ навбатдории шабонарӯзӣ ташкил намуда, оид ба вазъият дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мунтазам ба вазорат маълумот пешниҳод намоянд. Мӯҳлат доимӣ;

- гардиши наздиҳавлигиро фаъол намуда, дар мавриди дарёфти шахсони ҳароратбаландӣ ва нишонаҳои бемориҳои шадиди роҳҳои нафасдошта, инчунин шаҳрвандоне, ки аз Ҷумҳурии Халқии Хитой баргаштаанд, барои бистарикунонӣ ва назорат ба беморхонаҳои муайяншуда интиқол додашуда, ба марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳру ноҳияҳо тибқи тартиби муқарраргардида хабарномаи фаврӣ ирсол намоянд. Мӯҳлат доимӣ;

- чораҳои омодагӣ ва зиддиэпидемикиро нисбати сирояти коронавирусӣ дар муассисаҳои табобатию пешгирии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз қабили таъмин ва омӯзиши истифодаи дурусти воситаҳои ҳимояи фардӣ ва риояи чораҳои назорати сироятӣ, инчунин, захираҳо ва дастрасии маводҳои зиддивирусӣ, маводҳои безараргардонӣ, омода намудани шӯъбаҳои эҳёгарӣ ва табобати интенсивӣ, банақшагирии хизматрасонии бетаъхир дар ҳолати интиқол ёфтани сирояти коронавирусӣ андешанд;

- дар мавриди зарурӣ ва саривақт ҷамъоварии намунаҳо чораандешӣ намуда, ба ташхисгоҳҳои вирусологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон" дастрас намоянд;

- нисбати ҳамаи ҳодисаҳои бемориҳое, ки бо баландшавии ҳарорати бадан, дарди сар, сулфа, табларза, нафастангӣ ва варами гулӯ ба қайд гирифта мешаванд, маълумоти дақиқи эпидемиологӣ ҷамъоварӣ карда, ба маҳзани иттилоотии вазорат ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод намоянд;

- дар ҳолати пайдоиши ҳодисаҳои гумонбарӣ ба беморӣ, системаи ахборотдиҳии фавриро тибқи талаботи дастур ва фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фаъол гардонанд;

- дар байни ҳамаи кормандони муассисаҳои табобатию пешгирӣ гузаронидани курсҳои бозомӯзиро дар мавзӯъҳои доир ба нишонаҳо, ташхис, табобат ва пешгирии сирояти коронавирусӣ ва дигар сироятҳои вирусии ҳамшабеҳи коронавирусҳо таъмин намоянд;

- ҷиҳати пешбинӣ ва омода намудани захираҳои кат/ҷойҳо, муҷаҳҳазгардонии шӯъбаҳои бемориҳои сироятӣ, вобаста намудани шахси мутасаддӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

8. Ба директори Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон" (Алиев С.П.) супориш дода шавад:

- дар якҷоягӣ бо директорони муассисаҳои давлатии “Озмоишгоҳи миллии тандурустии ҷамъиятӣ”, “Озмоишгоҳи миллии референсӣ” ва “Озмоишгоҳи санитарию эпидемиологӣ”-и Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Каримзода Х., Холназар Б., Ятимов И.) барои гузаронидани таҳлили намунаҳои гумонбаршудагон чораҳои омодабоширо анҷом дода, муайянкунии барангезандаро тибқи тартиби муқарраргардида таъмин намояд;

- бо мақсади саривақт муайян кардани ташхис ба коронавирус ва андешидани чораҳои пешгирикунанда аз ҳисоби мутахассисон гурӯҳҳои сайёрро (мобилиро) дар шаҳри Душанбе ва маркази вилоятҳо ташкил намуда, дар мавриди зарурӣ онҳоро сафарбар намояд.

9. Ба директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» (Мухторова П.Ш.) супориш дода шавад:

- дар якҷоягӣ бо марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ нисбат ба пешгирии сирояти коронавирус чораҳои зарурӣ андешанд;

- дар байни аҳолӣ оид ба сирояти коронавирусӣ ва дигар сироятҳои вирусии ҳамшабеҳи коронавирусҳо корҳои фаҳмондадиҳиро пурзӯр намуда, чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ доир намояд (мӯҳлат мунтазам);

- вобаста ба интишор ва паҳн намудани буклету варақаҳои иттилоотӣ оид ба сирояти коронавирусӣ ва дигар сироятҳои вирусии ҳамшабеҳи коронавирусҳо, инчунин, риояи гигиенаи шахсӣ чораандешӣ намояд.

10. Ба директори Маркази матбуоти вазорат (Дарвешова Б.) супориш дода шавад, ки тамоми иттилооти заруриро оид ба масъалаи мавриди назар бо забонҳои давлатӣ ва русӣ дар сомонаи расмии вазорат ҷойгир намуда, дар ҳамкорӣ бо расонаҳои хабарӣ (шабакаҳои телевизион, радио, матбуот) ҷиҳати ошкор ва назорати иттилоотонии нодуруст, бардуруғ, ҳаракатҳои иғвоангез ва нооромкунандаи фазои иттилоотии кишвар оид ба вазъи эпидемиологии ҷумҳурӣ чораҳои фаврӣ ва қатъӣ андешад.

11. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони вазир гузошта шавад.

Раиси мушовара,
Вазир Н. Олимзода

Котиби мушовара О. Аминов